## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзӯи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Боғдорӣ бахши муҳими кишоварзӣ ба шумор рафта, он дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва сабади истеъмолӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд, чунки меваҷот дар баробари маводи ғизоӣ ҳамчунин, маводи табобатӣ низ мебошад. Рушди бемайлони боғдорӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар ҷумҳурӣ масъалаи мубрами рӯз мебошад. Чунки аҳолии мамлакт рӯз то рӯз зиёд шуда, талаботи аҳолӣ низ ҳамасола аз ҳисоби меваҷоту сабзавот, ғалладонаю лӯбиёгиҳо афзоиш ёфта истодаанд.

Мавзӯи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳим буда, ҳамчун объекти таҳқиқотӣ 5 навъи маҳаллӣ, 6 навъи воридотӣ ва 4 шакли ёбоӣ истифода шудааст.

Барои баҳодиҳии агробиологии навъҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ дар шароити водии Ҳисор таҳқиқот ва мушоҳидаҳои асосӣ бо истифода аз усулҳои мушоҳида, тавсиф, баҳисобгирӣ, хулосабарорӣ дар асоси усулҳои муосири селексияи дарахтони мевадиҳанда, буттамевагиҳо ва чормағзиҳо ва ҷанбаҳои методологии муосири ташкили раванди корҳои селексионӣ дар боғдорӣ ва токпарварӣ амалӣ гардидаанд.

Аз омӯзиши диссертатсияи мазкур бармеояд, ки муаллиф корро мустақилона иҷро намуда, ба талаботи диссертатсия ҷиддӣ риоя намудааст. Матни диссертатсия ба мундариҷаи он мувофиқат мекунад.

Бо назардошти таҳлили натиҷаҳои дар адабиётҳои соҳавӣ овардашуда Намозов А.К. дар назди худ мақсад гузошт, ки дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи агробиологӣ, ҷудо кардани навъҳои беҳтарини себҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии он барои истифодабарӣ дар селексия, ғани гардонидани навъу хелҳои гуногуни боғдории ҷумҳурӣ, бунёди боғҳои саноатии интенсивӣ ва роҳҳои ҳифзу нигоҳ доштани захираҳои

генетикии навъҳои маҳаллии себ дар шароити водии Ҳисор, таҳқиқотҳои худро амалӣ намояд. Аз ин рӯ мавзӯе, ки Намозов А.К. интихоб намудааст, муҳим ва актуалӣ мебошад.

Диссертатсия дар ҳаҷми 128 саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, 5 боб натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот, 17 расм, 5 диаграмма ва 23 ҷадвал иборат мебошад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда 221 номгӯй иборат буда, аз он 5 -то адабиёти хориҷӣ дар бар мегирад.

Аз рӯи натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда унвонҷӯй Намозов Амонулло Каримхонович 8 мақолаҳо нашр намудааст, ки аз он 4 - тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Аз он ҷумла 1 тасиянома бо номи “Боғпарварӣ” нашр гардидааст. Ӯ натиҷаҳои кори тақиқотиашро дар маводҳои конференсияву семинарҳои илмии ҷуҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки ҳамасола дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор мегардад баррасӣ намудааст.

Муҳимияти ҳамаи гуфтаҳои болоро бо назар гирифта қобили қайд аст, ки диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарвари растаниҳои кишоварзӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии **6D-КОА-64** дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими
илмии Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ — Назиров Ҳ.Н.

Имзои Ҳ.Н. Назиров-ро тасдиқ менамоям:
Нозири кадрҳои Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ — Пирова М.И.